**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023)**

Дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар ҷомеаи муосир танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодии интихобгардида амалӣ мегардад, нақши пешбаранда ва муайянкунанда дорад. Яке аз механизмҳои нисбатан муҳиме, ки ба давлат имконияти амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд ин низоми молиявии давлат мебошад, ки бахшҳои асосии онро низоми буҷет, андоз ва гумрук ташкил медиҳад.

Муносибатҳои молиявӣ дар таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон чун ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар ҳама марҳилаҳои давлатдорӣ арзи ҳастӣ доштанд.

Дар замони истиқлолият қонунгузории молиявии ҷумҳурӣ дар давраи фаъоли рушди худ қарор дорад, ки бо дигар шудани муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ алоқаманд мебошад. Табиист, ки муносибатҳои нави иқтисодии дар кишвар ба вуҷудомада дар назди қонунгузории молиявӣ, андоз ва гумрук вазифаҳои нав гузоштанд. Бо дарназардошти ин омилҳо таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози таърихӣ-ҳуқуқӣ мубрам маҳсуб меёбад.

Қонунгузории молиявии Тоҷикистон марҳилаҳои гуногуни инкишофро паси сар намуда, дар замони соҳибистиқлолии кишвар мукаммал гардид. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти соҳаи идоракунии молияи давлатӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар ҷомеаи муосир танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодӣ амалӣ мегардад, нақши пешбаранда ва муайянкунанда дорад. Низоми молиявии давлат яке аз механизмҳои нисбатан муҳиме мебошад, ки ба

давлат имконияти амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд.

Даврони соҳибистиқлолӣ марҳилаи фаъоли рушди қонунгузории молияи Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва бозоргонӣ мусоидат намуда истодааст. Ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ ва ба вуҷуд омадани соҳаҳои нави рушди иқтисодӣ, пайдоиши самтҳои нави рушди стратегии кишвар (масалан, саноатикунонии босуръати кишвар) такмили пайвастаи қонунгузории молиявиро талаб менамояд.

Такмили қонунгузории молиявӣ бо як қатор омилҳо, аз ҷумла, дигаргуниҳои фаъолияти молиявии давлат (хусусигардонӣ, дастгирии соҳибкорӣ, муқарраркунии рақами мушаххаси андозсупорӣ, ба вуҷуд омадани низоми устувори идоракунии молиявӣ ва ғ.) асос меёбад ва қабули қонунҳои нав ва умуман низоми қонунгузории молиявии ба талаботи объективии ҷамъият мутобиқро тақозо менамояд.

Бо дарназардошти ҳуҷҷатҳои болозикр таҳлили амиқи илмии масъала метавонад дар бартарафсозии мушкилотҳои мазкур мусоидат намояд. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимзода Исмоил Иброҳим мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари тахқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе тардид натиҷаҳои таққиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст фаррох истифода бурда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Аз ҷумла оид ба такмили қонунгузории молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо санадҳои моделӣ ИДМ хеле муҳим аст.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти автореферати диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Абдуалимзода Исмоил Иброҳим ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Давлатов Маъруф**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
тел.: + 992 909883338; E-mail: dmarufchon86@mail.ru

Имзоҳои номади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
М.Давлатовро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**“01” майи соли 2023**